**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-021 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 07.05.2024, №70

Барои сазовор донистани Абдураҳмонова Нилуфар Ҳайдаршоевна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Абдураҳмонова Нилуфар Ҳайдаршоевна дар мавзуи "Вижагиҳои луғавию грамматикии "Ахлоқи муҳсинӣ"-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми майи соли 2023, таҳти №122/шд) 22-юми феврали соли 2024, суратҷаласаи №61 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Абдураҳмонова Нилуфар Ҳайдаршоевна 9-уми январи соли 1991 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2012 факултети шарқшиносӣ (ҳоло забонҳои Осиё ва Аврупо)-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси "шарқшинос-филолог" (филологияи Эрон) хатм кардааст. Аз моҳи сентябри соли 2018 инҷониб ба ҳайси муаллимаи забон ва адабиёти тоҷик дар муассисаи таълимии хусусии "Абдураҳмони Ҷомӣ" фаъолият дорад. Оиладор, соҳиби се фарзанд.

Диссертатсия дар кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Хоҷаев Давлатбек** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ**: **Қосимов Олимҷон Ҳабибович** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода; **Раҳмонов Бахтиёр Нурмаҳмадович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забон Ҷумъахон Алимӣ, эксперт – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забон Шаҳбози Рустамшо, котиби илмии ҷаласа –

номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забон Давлатова Фароғат имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д. С. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Абдураҳмонова Нилуфар Ҳайдаршоевна дар мавзуи "Вижагиҳои луғавию грамматикии "Ахлоқи муҳсинӣ"-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ"" ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳое таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот доранд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 6 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**I. Дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М] Нилуфари Ҳ.А. (Абдураҳмонова, Н.Ҳ.). Нақши пасвандҳои исмсоз дар «Ахлоқи муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ [Матн] / Ҳ.А. Нилуфар // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2016. – № 4/7. – С. 102-107.

[2-М] Нилуфари Ҳ.А. Баъзе вижагиҳои луғавии «Ахлоқи муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ [Матн] / Ҳ.А. Нилуфар // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – № 4/7. – С.102-105.

[3-М] Нилуфари Ҳ. А. Корбурди банди наҳвӣ дар «Ахлоқи муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ [Матн] / Ҳ.А. Нилуфар // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ . – Душанбе, 2019. – № 7. – С. 64-67.

[4-М] Абдураҳмонова, Н.Ҳ. Лексикаи худӣ ва иқтибосии арабӣ дар «Ахлоқи муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ [Матн] / Н.Ҳ. Абдураҳмонова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ / Н. Ҳ. Абдураҳмонова– Душанбе, 2023. – № 5. – С. 59-64.

**II. Дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[5-М] Абдураҳмонова, Н.Ҳ. Ибораҳои фразеологӣ дар «Ахлоқи муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ [Матн] / Н.Ҳ. Абдураҳмонова // Забон – рукни тоат. №14. Маводи конференсияи байналмилалии «Рушди забони адабии тоҷикӣ дар асрҳои X-XV» (ДМТ, 16.01.2023). – Душанбе, 2023. – С. 280-283.
[6-М] Абдураҳмонова, Н.Ҳ. Корбурди ҷумлаҳои сода ва вижагиҳои онҳо [Матн] / Н.Ҳ. Абдураҳмонова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии «Таҳқиқоти педагогӣ: мушкилот ва дурнамои он дар замони муосир» (ДБЗХТ, 31.03.2023). – Душанбе, 2023. – С. 265-272.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон **Амлоев Аминҷон Ятимович** мусбат буда, ҳамзамон, дар тақриз чунин эродҳо манзур шудаанд:

- дар автореферат баъзе ҷумлаҳо таҳрирталабанд.
- дар баъзе саҳифаҳои автореферат ғалатҳои имлоӣ (саҳ. 7, 9, 13) ва техникӣ (12, 13, 16, 18) роҳ ёфтаанд.

**2. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров **Ӯзбеков Салоҳиддин Вайдуллоевич** мусбат буда, чунин эродҳо пешниҳод шудаанд:

- диссертант басо заҳмати зиёд кашидааст дар ҷамъоварии маводи рисола ва таҳқиқи оморӣ низ дида мешавад. Агар маводи ҷамъовардашуда дар шакли диаграмма ё гистограмма оварда мешуд, ҳусни кор меафзуд.
- дар баъзе саҳифаҳои автореферат ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд.

**3. Дар тақризи** номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи назария ва типологияи забони англисии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” **Олматова Шарофат Сафаралиевна** низ ду эрод зикр шудааст:

- дар матни автореферат ғалатҳои имлоӣ, китобатӣ ва техникӣ роҳ ёфтаанд.
- забони кори таҳқиқотӣ равону илмӣ бошад ҳам, гоҳо ҷумлаҳои носуфта ба назар мерасанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

– таносуби вожаҳои тоҷикӣ ва иқтибосии арабӣ; категорияҳои лексикӣ (омоним, синоним, антоним ва сермаъноӣ) **нишон дода шудааст;**

- хусусиятҳои морфологии категорияҳои грамматикии исм: ҷамъбандӣ тавассути «-он» (-гон, -ён), «-ҳо» ва ҷамъбандии арабӣ; категорияи номуайянӣ **муайян карда шудаанд;**

– баъзе вижагиҳо дар истифодаи феъл ва ҳиссаҳои ёвари нутқ **таҳқиқ шудаанд;**

- усулу воситаҳои сермаҳсул ва каммаҳсули калимасозу шаклсоз ва дар ин замина муайян кардани қонуниятҳои устувори калимасозии «Ахлоқи муҳсинӣ» **муайян карда шудаанд;**

- тавсифи хусусиятҳои наҳвии «Ахлоқи муҳсинӣ» **нишон дода шудааст;**

- вижагиҳои ҷумлаҳои содаю мураккаби асар **таҳқиқ шудаанд;**

- тарзу воситаҳои созмони банди наҳвӣ ва вижаҳои корбурди он дар асар **муайян карда шудааст.**

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки** омӯзиши вижагиҳои луғавию грамматикии асари пандуахлоқӣ "Ахлоқи муҳсинӣ"-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ метавонад, ки ба сифати манбаи омӯзиши таърихи забон ва қонуниятҳои инкишофи сохтори луғавӣ, сарфӣ ва наҳвии забони адабии тоҷик хизмат намояд.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ ба сифати асосҳои муҳимми назарӣ таҳқиқоти илмӣ ва таълифоти донишмандони хориҷӣ, аз қабили В. В. Виноградов, Н. М. Пешковский, Ф. М. Березин, Р. А. Будагов, М. Ҷ. Мирзоева, Ю. С. Степанова, Ю. А. Рубинчик, В.С. Расторгуева, Л. П. Смирнова, Д. Т. Тоҷиев, М. Н. Қосимова, Р. Ғаффоров, Б. Камолиддинов, Д. Саймиддинов, Ҳ. Маҷидов, Д. Хоҷаев, С. Назарзода, С. Сабзаев, А. Ҳасанов, Г. Камолова, Б. Шарифов, Н. И. Ғиёсов, С. Сулаймонов, М. Саломиён, Ж. Гулназарова ва дигарон истифода шудаанд.

Дар диссертатсия вобаста ба самти таҳқиқ ва хусусияту вижагиҳои мавзуъ аз усули тасвирию тавсифӣ, муқоисавӣ, мантиқӣ ва оморӣ истифода карда шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки натиҷаҳои таҳқиқи мавзуъ метавонад ба сифати манбаи омӯзиши таърихи забон ва қонуниятҳои инкишофи сохтори луғавӣ, сарфӣ ва наҳвии забони адабии тоҷик хизмат намояд. Тавсияҳои амалии диссертатсияро метавон дар таълифи китобу дастурҳои таълимӣ оид ба «Таърихи забони адабии тоҷик», «Лексикологияи таърихӣ», «Сарфу наҳви тоҷикӣ» ва хондани курсу семинарҳои тахассусӣ аз фанни «Таърихи забони адабии тоҷик», навиштани рисолаҳои илмӣ, хатм, реферату маърузаҳо истифода намуд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ консепсияҳои илмӣ ва назарияи забоншиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мувофиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, теъдоду ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмӣ манзур гардида, натиҷаҳои фаслу бобҳо ва таҳқиқи назарии мавзуъ мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд. Саҳми фардии муаллиф, ҳамчунин, дар он зоҳир меёбад, ки ӯ дар ҷараёни ҷамъоварии маводи илмӣ, вожаю

истилоҳоти ахлоқӣ, таъйини тарҳи кор, навиштани мақолаҳо мустақилияти андеша дорад. Муносибати методологии муаллиф нисбат ба мавзуи мавриди таҳқиқ саҳми шахсии ӯ дар омӯзиши мавзуъ буда, барои ҳалли илмии масъала замина фароҳам овардааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ ба равишҳои таҳқиқии муосир такя карда, нахустин бор хусусиятҳои луғавию грамматикии яке аз осори ахлоқии насри асри XV – «Ахлоқи муҳсинӣ»-ро ба сурати густурдаю маҷмуъ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор додааст. Таҳқиқи маҷмуи вижагиҳои луғавию грамматикии «Ахлоқи муҳсинӣ» манзараи забони адабии тоҷикро дар асри XV равшан намуда, шарҳу тавзеҳи масоили мавриди назар, қонунияту роҳҳои инкишофи таркиби луғавӣ ва устувории сохти сарфию наҳвии забони адабии тоҷикиро нишон дода, дар ин замина нақши осори адабӣ ва адибони алоҳидаро ошкор менамояд, ки он дар интихоби мавод, интишори натиҷаҳои таҳқиқ ва пешниҳоди маълумот барои таҳқиқоти оянда дастовардҳои чашмрас дорад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 7-уми майи соли 2024 дар бораи сазовор донистани Абдураҳмонова Нилуфар Ҳайдаршоевна ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои шуро 12 нафар, аз ҷумла 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ иштирок доштанд.

Аз 12 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 12 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Мамадназаров Абдусалом

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Мирзоева Моҳира

07.05.2024.